**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд дар мавзуи «Фаъолияти Кумита оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз (КБММКЗ)-и назди Раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон дар охири солҳои 20-ум – ибтидои солҳои 30-юми асри ХХ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) пешниҳод гардидааст.**

Диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд ба таҳқиқи яке аз самтҳои муҳими таърихи иҷтимоии халқи тоҷик – фаъолияти Кумита оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати занон дар солҳои аввали ҶШС Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф дар асоси такя ба ҳуҷҷатҳои аслӣ ва маводи бойгонӣ масъалаи таъсис, сохтор ва фаъолияти амалии КБММКЗ-ро аз дидгоҳи таҳлили таърихӣ ва иҷтимоӣ мавриди омӯзиш қарор додааст.

Таҳқиқи масъалаи гендер ва меҳнат дар заминаи воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистон дар ибтидои ҳокимияти шуравӣ дар мисоли фаъолияти Кумита оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварзи назди Раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон дар охири солҳои 20-ум – ибтидои солҳои 30-юми асри ХХ аз шумори заруратҳои илми таърих ба ҳисоб меравад, ки он ҳамчун мавзуи мубрами илмӣ аз тарафи унвонҷӯ Файззода Рамазон Хурсанд ба таҳқиқ гирифта шуда, дар сатҳи зарурӣ ба анҷом расидааст.

Навгонии илмии таҳқиқот пеш аз ҳама дар он зоҳир мешавад, ки мавзуи фаъолияти ин Кумита, ки яке аз ташкилотҳои калидӣ дар сиёсати давлатии гендерии замони шуравӣ ба ҳисоб мерафт, бори аввал дар таърихнигории ватанӣ ба таври мукаммал ва бо истифодаи беш аз 200 ҳуҷҷати бойгонӣ таҳқиқ гардидааст. Муаллиф дар ин раванд натанҳо таҳлил, балки арзёбии саҳми ин Кумита дар ташаккули сиёсати иҷтимоии ИҶШС Тоҷикистон дар самти беҳдошти шароити зиндагии занонро низ анҷом додааст.

Ин ҳақиқатро аз сохту муҳтавои автореферати диссертатсия дарк кардан мумкин аст. Автореферат аз муқаддима, се боб ва хулоса иборат буда, дар он методологияи таҳқиқи таърихӣ, тамоюлҳои сиёсати иҷтимоӣ ва таҳлили фаъолияти ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятии даврони шуравӣ бо тартиб ва пайдарпайӣ пешниҳод шудаанд. Ҳар як боб бо ҳуҷҷатҳои бойгонии воқеӣ ва таҳлили муқоисавӣ асоснок шуда, муҳтавои он самти ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватаниро фаро мегирад.

Хулоса ва тавсияҳои автореферат, ки бо диққати илмӣ навишта

шудааст, нишондиҳандаи дастовардҳои назарии муаллиф ва далели комил будани тадкикот мебошад.

Муаллиф дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст, ки ин нишонаи қобилияти таҳлилии муаллиф ва аҳамияти илмии кори иҷронамуда мебошад.

Дар маҷмуъ, автореферати унвонҷӯ Файззода Рамазон Хурсанд, ки дар мавзуи «Фаъолияти Кумита оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз (КБММКЗ)-и назди Раёсати КИМ ЧШС Тоҷикистон дар охири солҳои 20-ум – ибтидои солҳои 30-юми асри XX» мувофиқи талаботу меъёрҳои ҷории КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф шуда, муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос намуда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

**Тақриздиҳанда:** номзади илмҳои таърих,
муаллими калони кафедраи сиёсатшиносии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Изатов Умедҷон Хуршелович

**Суроға:** Ҷумҳури Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи Сафаров С, 16.
**Телефон:** (+992) 906 70 00 11
**E-mail:** izatov.u@mail.ru

Имзои Изатов У.Х.–ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ Давлатов М.А.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

«_4_» ___07___ 2025